**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», номзади илмҳои филологӣ, дотсент**
**________ Назарзода М. М.**
**«__» ________ соли 2026.**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ (6D050401 - Рӯзноманигорӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқат мекунад.

Бо таҳаввулоти ҷиддие, ки бо омадани интернет, пайдо шудани шабакаҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои гуногуни зиндагии инсон рух дода истодааст, дар журналистика ва ВАО низ дигаргунии зиёде ба амал омаданд, ки фарогири рақамишавии расонаҳо, таъсиси сомонаҳои интернетӣ, кушодани саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсиррасонӣ ба аудитория бо механизмҳои муосиру технологӣ мебошад. Маҳз ҳамин дигаргуниро, ки ба иваз шудани васоити иттилоърасонӣ оварда расониду ба истифодаи усулҳои нав, аз ҷумла SMM (Social Media Marketing) водор кард, диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф баррасӣ мекунад. Мавзуи таҳқиқ масъалаҳои мубрами маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва нақши он дар ҷалби аудитория, таҳқиқи омории расонаҳои онлайнии Тоҷикистон, мавқеи шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва фаъолияти менеҷери SMM-ро фаро мегирад. Диссертатсияи номбурда бо истифодаи аз назарияҳои муосири олимони ватанӣ ва хориҷӣ, равишҳои тозаи таҳқиқу таҳлил, махсусан бо истифода аз абзорҳои муосири интернетӣ таъсири SMM ба афкори ҷамъиятиро бо овардани мисолҳои мушаххас ба таҳлил кашидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, тавсеаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва тағйир ёфтани шаклу усулҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма омузиши SMM ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ яке аз самтҳои муҳимми илми журналистика ба ҳисоб меравад. Зеро шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз на танҳо воситаи паҳнсозии иттилоот, балки майдони ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҷалби аудитория ва барқарор намудани робитаи мустақим байни расона, созмон ва ҷомеа гардидаанд. Аз ин нигоҳ, пажуҳиши мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» ҳамчун мавзуи мустақили таҳқиқ **мубрам** мебошад, зеро дар он хусусиятҳои истифодаи SMM дар фаъолияти рӯзноманигорӣ, усулҳои банақшагирӣ ва паҳнсозии муҳтаво, роҳҳои ҷалб ва нигоҳдории аудитория, инчунин таъсири технологияҳои рақамӣ ба афкори ҷомеа мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Таҳқиқи раванди воридшавии воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ба фазои рақамӣ ва истифодаи имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ барои густариши фаъолияти касбӣ ҷанбаи муҳимми дигари рисола мебошад. Дар диссертатсия ҳамчунин ба истифодаи рекламаи мақсаднок, таҳлили бозори рақамӣ, ташаккули бренди расона ва корбурди зеҳни сунъӣ дар эҷоди матн, тасвир, видео ва садо таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, ки аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқро бештар менамояд.

**Дараҷаи асоснокқунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия дар заминаи омузиши адабиёти илмӣ, таҳлили фаъолияти расонаҳои онлайнии Тоҷикистон ва саҳифаҳои онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ асоснок гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, метавонанд дар таълими фанҳои журналистикаи интернетӣ, маркетинги расонаӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, инчунин дар фаъолияти амалии ВАО ва муассисаҳо истифода шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» пажуҳиши тоза ва дорои аҳаммияти назарраси илмӣ дар соҳаи журналистикаи тоҷик ба шумор меравад. Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори нахуст раванди гузариши расонаҳои Тоҷикистон ба шабакаҳои иҷтимоӣ, нақши SMM дар ҷалби аудитория ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ ба таври низомманд мавриди омузиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия фаъолияти касбию эҷодии менеҷери SMM, имкониятҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳияи муҳтаво, нақши рекламаи мақсаднок ва

фаъолияти саҳифаҳои расмии расонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ таҳлил шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси омузиши сарчашмаҳои илмӣ, таҳлили муҳтаво, маълумоти оморӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ ба даст омада, аз ҷиҳати илмӣ асоснок, саҳеҳ ва эътимодбахш мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллифи он зимни пажуҳиш усулу равишҳои таҳлили фаъолияти расонаҳои Тоҷикистонро дар шабакаҳои иҷтимоӣ, нақши SMM дар ҷалби аудитория ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Таҳқиқи раванди гузариши расонаҳои ватанӣ ба фазои рақамӣ, фаъолияти менеҷери SMM, истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳияи муҳтаво ва имкониятҳои рекламаи мақсаднок барои рушди таҳқиқоти журналистикаи интернетӣ ва маркетинги расонаӣ аҳаммияти назаррас дорад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои пажуҳиши минбаъдаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти ВАО дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ниёзҳои иттилоотии аудитория ва шаклҳои нави иртиботи рақамӣ заминаи илмӣ фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант метавонанд дар фаъолияти расонаҳо, муассисаҳои давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ ва дигар созмонҳо барои таҳияи стратегияи SMM, эҷоди муҳтавои босифат, ҷалби аудитория ва баланд бардоштани самаранокии саҳифаҳои иҷтимоӣ истифода шаванд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои таълифи монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, китобу дастурҳои таълимӣ оид ба журналистикаи интернетӣ, маркетинги расонаӣ, зеҳни сунъӣ ва рекламаи рақамӣ муфид мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Маъруфзода Маҳноза Маъруф аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, муаллиф дар заминаи омузиши сарчашмаҳои илмӣ, таҳлили муҳтавои расонаҳои онлайнӣ, маълумоти оморӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ ба хулосаҳои мушаххас расидааст. Дар бобу фаслҳои диссертатсия масъалаҳои марбут ба нақши SMM, ҷалби аудитория, ташаккули афкори ҷамъиятӣ, фаъолияти менеҷери SMM, истифодаи зеҳни сунъӣ ва рекламаи мақсаднок бо далелҳои кофӣ баррасӣ шудаанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дорои заминаи илмӣ буда, натиҷаҳои таҳқиқ дар 4 банд ҷамъбаст гардидаанд ва аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок ва қобили эътимод мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз пажуҳиши мавзуи диссертатсия дар 15 мақолаи

илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маҷмуаҳои дигари илмӣ чоп шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Масъалаҳои марбут ба истифодаи SMM дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма, таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҷалби аудитория, истифодаи зеҳни сунъӣ ва рекламаи мақсаднок, ки дар диссертатсия ба таври муфассал баррасӣ шудаанд, нишон медиҳанд, ки таҳқиқ кори анҷомётфа мебошад. Бахши асосии рисола, ки ба муайян намудани нақши SMM ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар шароити фазои иттилоотии Тоҷикистон бахшида шудааст, дорои маводди арзишманди назариявӣ, оморӣ ва амалӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқи фаъолияти расонаҳои онлайнии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ, омузиши ниёзҳои иттилоотии аудитория, таҳлили фаъолияти саҳифаҳои расмии муассисаҳои давлатӣ ва муайян намудани имкониятҳои касбии менеҷери SMM дорои аҳаммияти хос буда, ба талаботи таҳқиқоти мукаммали илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Матни диссертатсия дар 201 саҳифаи чопи компютерӣ ҷой гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии SMM чун воситаи нави маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ»** ном дошта, аз **се фасл** иборат мебошад. Дар фасли якуми боби якум таҳти унвони **«Мафҳуми SMM ва вижагиҳои он дар журналистика»** мафҳум, моҳият, таърихи ташаккул ва хусусиятҳои маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Диссертант андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷиро муқоиса намуда, SMM-ро ҳамчун маҷмуи воситаҳо ва усулҳои пешбурди муҳтаво, бренд ва иртибот бо аудитория арзёбӣ кардааст. Ҳамчунин, таърихи пайдоиш ва рушди платформаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла Фейсбук, Инстаграм, Ютуб, ТикТок ва дигар шабакаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ба хулосае расидааст, ки SMM дар журналистикаи муосир на танҳо воситаи таблиғ, балки абзори муҳимми иттилоотрасонӣ, ҷалби аудитория ва ташаккули муносибати мутақобила бо ҷомеа мебошад.

Дар фасли дуюми боби якум – **«SMM дар журналистика ва нақши он дар ҷалби аудитория»** роҳу усулҳои истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои паҳн намудани иттилоот, баланд бардоштани фарогирии муҳтаво ва нигоҳ доштани таваҷҷуҳи аудитория таҳлил шудаанд. Диссертант хусусиятҳои

муҳтавои интерактивиро баррасӣ намуда, нақши онҳоро дар ташаккули бренди шахсии журналист муайян кардааст.

Фасли сеюми боби якум – **«Таҳқиқи нишондиҳандаҳои омории фаъолияти расонаҳои онлайнии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ»** ба омӯзиши амалии фаъолияти саҳифаҳои расонаҳои ватанӣ бахшида шудааст. Диссертант нишондиҳандаҳои фарогирӣ, сатҳи ҷалби аудитория, шумораи пайравон, писандҳо, шарҳҳо ва бознашри маводро дар саҳифаҳои як қатор расонаҳои тоҷикӣ таҳлил кардааст. Таҳқиқ нишон додааст, ки шумораи зиёди пайравон ҳамеша нишонаи самаранокии фаъолияти саҳифа нест ва сифату муҳиммияти муҳтаво, мутобиқати он ба ниёзҳои аудитория ва истифодаи стратегияи дуруст нақши асосӣ доранд. Муаллиф зарурати истифодаи Гугл Трендс, Яндекс Вордстат ва дигар абзорҳои таҳлилиро барои муайян намудани майлонҳо ва манфиатҳои аудитория асоснок кардааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Истифодаи SMM дар низоми васоити электронии ахбори Тоҷикистон»** ном дошта, аз се фасл ва як қатор зерфаслҳо иборат мебошад. Фасли якуми боби дуюм – **«Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон»** масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъсири шабакаҳои иҷтимоиро ба афкори ҷомеа фаро мегирад. Дар зерфасли аввал назарияҳои классикӣ ва муосири равандҳои иттилоотӣ баррасӣ гардида, нақши воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар муайян намудани масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷомеа шарҳ дода шудааст.

Дар зерфасли дуюм нишондиҳандаҳои омории истифодабарандагони интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таҳлил гардида, муаллиф афзоиши шумораи корбарони интернет, густариши истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ ва тағйир ёфтани манбаъҳои дастрасии шаҳрвандон ба иттилоотро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар зерфасли сеюм натиҷаҳои назарсанҷӣ оид ба манбаъҳои иттилоот ва таъсири онҳо ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ баррасӣ шудааст. Тавассути назарсанҷӣ муносибати аудитория ба воситаҳои анъанавии ахбор, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ муайян гардида, таъсири муҳтавои рақамӣ ба афкору рафтори корбарон арзёбӣ шудааст.

Дар зерфасли чорум – **«Ниёзҳои иттилоотии аудитория ва рафтори корбарон»** хусусиятҳои интихоби иттилоот, майлу хоҳишҳои аудитория, шаклҳои маъмули муҳтаво ва омилҳои ҷалби корбарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки дар шароити рақобати иттилоотӣ фаъолияти расонаҳо бояд бар асоси таҳлили мунтазами

ниёзҳои аудитория ва пешниҳоди муҳтавои саривақтӣ, боэътимод ва ҷолиб ба роҳ монда шавад.

Фасли дуюми боби дуюм – **«Таҳқиқи раванди гузариши расонаҳои Тоҷикистон ва таъсиррасонӣ ба аудитория тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ»** ба таҳқиқи марҳилаҳои воридшавии расонаҳои ватанӣ ба фазои интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ бахшида шудааст. Диссертант муайян кардааст, ки дар марҳилаи аввал расонаҳо сомонаҳои интернетии худро таъсис дода, баъдан фаъолияти онҳо дар Фейсбук, Инстаграм, Телеграм ва дигар платформаҳо густариш ёфтааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки расонаҳои Тоҷикистон ҳануз аз ҳамаи имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ пурра истифода намекунанд ва барои беҳтар намудани таъсиррасонӣ бояд стратегияҳои махсуси SMM таҳия намоянд.

Дар **фасли сеюми боби дуюм – «Саҳифаҳои расмии муассисаҳои давлатӣ чун василаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа»** фаъолияти саҳифаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти давлатӣ ва донишгоҳҳои вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Диссертант муайян кардааст, ки ҳузури рақамии муассисаҳо яксон набуда, баъзе саҳифаҳо мунтазам фаъолият мекунанд, вале қисми дигар аз имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ самаранок истифода намебаранд.

**Боби сеюми диссертатсия «Менеҷери SMM: таҳлили махсусияти касбию эҷодӣ»** ном дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар **фасли якуми боби сеюм – «Махсусияти фаъолияти кори онлайнии менеҷери SMM»** хусусиятҳои касбӣ, вазифаҳо, малакаҳо ва шароити фаъолияти менеҷери SMM мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ин фасл бозори меҳнати Тоҷикистон, талабот ба мутахассисони SMM ва эълонҳои ҷойҳои корӣ дар платформаҳои интернетӣ таҳлил шудаанд. Муаллиф ба хулосае расидааст, ки мутахассиси SMM бояд малакаҳои таҳлил, банақшагирии муҳтаво, кор бо воситаҳои графикӣ, муошират бо аудитория ва идоракунии рекламаи рақамиро дошта бошад.

**Фасли дуюми боби сеюм – «Истифодаи зеҳни сунъӣ дар эҷоди муҳтаво ва мавод»** аз се зерфасл иборат буда, таърихи ташаккули зеҳни сунъӣ, имкониятҳои он дар таҳияи муҳтаво ва навъҳои асосии абзорҳои ЗС-ро фаро мегирад. Диссертант имкониятҳои ChatGPT, Copilot, Gemini, Perplexity ва дигар воситаҳои зеҳни сунъиро дар таҳияи матн, тарҷума, хулосабарорӣ, пешниҳоди сарлавҳа, коркарди маълумот ва эҷоди муҳтавои визуалӣ баррасӣ кардааст. Таҷрибаи истифодаи ЗС дар фаъолияти расонаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла гурӯҳи расонаии «Азия-Плюс», инчунин ташаббусҳои марбут ба рушди абзорҳои рақамӣ барои забони тоҷикӣ мавриди омузиш

қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, зарурати риояи меъёрҳои ахлоқӣ, далелсанҷӣ, назорати таҳририӣ ва нишон додани манбаи муҳтавои тавассути ЗС таҳияшуда таъкид гардидааст.

Дар **фасли сеюми боби сеюм – «Истифодаи рекламаи мақсаднок барои тавсеаи ВАО ва маркетинги онлайнӣ»** моҳият, навъҳо, хусусиятҳо ва роҳҳои истифодаи рекламаи мақсаднок таҳлил шудаанд. Диссертант бартариҳои сегментатсияи аудитория, фардикунонии реклама, назорати оморӣ ва истифодаи Ads Manager-ро нишон додааст. Дар баробари ин, фаъолияти таргетолог, муайян намудани гурӯҳҳои мақсаднок ва самаранок истифода бурдани буҷети рекламавӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф ба масъалаи танзими ҳуқуқии рекламаи мақсаднок низ таваҷҷуҳ намуда, зарурати ворид кардани мафҳуми мазкур ба қонунгузории соҳаи рекламаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод кардааст.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст гардида, нақши SMM дар рушди журналистикаи интернетӣ, ҷалби аудитория, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти расонаҳо муайян шудааст. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба беҳтар намудани сифати муҳтаво, истифодаи воситаҳои таҳлилӣ, ташкили омузишҳо барои менеҷерони SMM, татбиқи имкониятҳои зеҳни сунъӣ ва рушди фаъолияти саҳифаҳои расмии муассисаҳо нигаронида шудаанд.

Таҳлили сохтору муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки бобу фаслҳои он бо ҳам робитаи мантиқӣ дошта, масъалаҳои гузоштташуда пайдарҳам баррасӣ ва бо далелҳои назариявӣ, маълумоти оморӣ, натиҷаҳои назарсанҷӣ ва мисолҳои мушаххас асоснок гардидаанд. Мақсаду вазифаҳои таҳқиқ иҷро шуда, хулосаҳо аз муҳтавои бобу фаслҳо бармеоянд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруфро метавон таҳқиқоти мустақил, мукаммал ва баитмомрасидаи илмӣ арзёбӣ намуд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 12 банд баён шудаанд, ки натиҷаи омузишу таҳлил ва баррасиҳои доманадори ӯ мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар аз як тараф вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи хуби илмии кори дисеертатсия мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи диссертант фарогири мухтавои асосии диссертатсия буда, 9-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Мазмун, самти таҳқиқ, навгонии илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар кори диссертатсионии тақризшаванда дар баробари комёбиҳои илмии ба даст овардашуда камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ва дар ҷараёни нашри монография дар мадди назар доштани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Аз нигоҳи мо унвонии боби дуюми диссертатсияи тақризшаванда «Истифодаи SMM дар низоми васоити электронии ахбори Тоҷикистон» ба ислоҳ дар варианти «Вижагиҳои истифодаи SMM дар воситаҳои электронии ахбори оммаи Тоҷикистон» ниёз дорад. Зеро ки номи ҳар як боби кори диссертатсионӣ ба унвонии диссертатсия бояд мувофиқат намояд.
2. Боби дуюми диссертатсияи тақризшаванда аз 3 фасл ва 5 зерфасл иборат буда, ҳаҷман нисбат ба бобҳои якум ва сеюм калонтар аст. Ба андешаи мо фаслҳои ин бобро низ бо номҳои мувофиқ ислоҳ намуда, дар 3 фасл бо унвониҳои «Хусусиятҳои хоси истифодаи SMM дар воситаҳои ахбори омма», «Махсусиятҳои истифодаи SMM дар матбуот, телевизион ва радиои Тоҷикистон» ва «Вижагиҳои истифодаи SMM дар шабакаҳои иҷтимоӣ» иваз намудан мувофиқ ба мақсад хоҳад шуд.
3. Диссертант дар таҳияи рисолаи илмӣ услуби публитсистиро дар баробари услуби илмӣ истифода намудааст, ки он ислоҳ мехоҳад.
4. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи диссертатсия: 5, 13, 17, 18, 27, 34, 65, 115, 129, 166, 167 ва 170 ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба беҳтар шудани сифати диссертатсия оварда мерасонанд.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум арзиши илмии кори диссертатсиониро халалдор намесозанд, зеро масъалаҳои

ба тамоми паҳлуҳои диссертатсия алоқамандро дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва таҳқиқ намуда, хулосаҳои дурусти илмӣ баровардааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои муҳимми омузишиву таҳлилиро метавон пайдо намуд. Диссертатсияи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди нав дар илми журналистикаи тоҷик ҳисбидан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» бо мубрамияти мавзуъ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва фарогирии масъалаҳои мавриди таҳқиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ 20 августи соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра 7 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид – нест, бетараф – нест. Суратҷаласаи №14 аз 20 августи соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Галимова Моҳинур**

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Муъминҷонов Зулфиддин**

**Котиби илмии ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» **Абдуллоева Адиба**

**Имзоҳои М. Галимова, З. Муъминҷонов**
**ва А. Абдуллоеваро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳои МДТ «Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» **Нуридинзода Фаридун**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Нишонаи муассисаи пешбар:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а.
Телефон: (+992 3 7) 231-45-45. E-mail: www.ddst.tj
21.08.2026 с.